## ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

ба кори диссертатсионии Зувайдов Махмадулло Махмасолиевич дар мавзӯи: «**Ҳолати техникӣ – коршоямӣ ва зилзилатобоварии нақби гидротехникии Данғара**», ки барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои техникӣ аз руи ихтисоси 05.23.00 –Сохтмон ва меъморӣ (05.23.07 – Сохтмони гидротехникӣ) пешниход шудааст.

Зувайдов М.М. соли 2012 Донишкадаи энергетикии Тоҷикистонро бо тахассуси "Муҳандис-сохтмончӣ" аз рӯи ихтисоси "Сохтмони гидротехникӣ" хатм кардааст.

Зувайдов М.М. дар Донишгоҳи давлатии Бохтар (собиқ Қурғонтеппа) ба номи Носири Хусрав соли 2013 ба ҳайси озмоишгар, аз соли 2014 то ҳоло дар вазифаи омӯзгори кафедраи "Сохтмон" кор ва фаъолият намуда истодааст.

Дар давраи солҳои 2018 – 2019 аз рӯи самти ихтисос такмили касбиро дар кафедраи "Иншоотҳои зеризаминӣ, асос ва таҳкурсиҳо"-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ гузашт.

Кори илмии Зувайдов М.М. асосан ба таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавии зилзилатобоварии нақбҳои гидротехникӣ бахшида шудааст. Дар рафти таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ формулаҳои ҳисобкунии шиддатнокиҳо аз таъсири зилзилаҳо аниқ карда шуданд, ки ҳангоми лоиҳакашии иншоотҳои гидротехникӣ истифода бурдан мумкин аст. Амсиласозии рақамии ҳолати шиддатнокӣ – шаклдигаркунӣ нақби обгузарон дар мисоли D-1 НОБ – и Роғун ва коркарди пешниҳодҳо оиди зиёдкунии ғафсии тахтасанги зери нақб ва армиронии асоси тахтасанг то ғафсии 5 м тавсия карда мешавад.

Яке аз комплексҳои бузургтарини гидроэнергетикии Тоҷикистон НОБ-и Норак, ки аз рӯи микёс ва мураккабии сохтмон, мукаммалии эҷод ва дараҷаи таҷҳизонидани техникӣ дар Осиёи Марказӣ беҳамтост, ба шумор меравад, НОБ-и Норак, ки дар солҳои 70-ӯми асри гузашта ба истифода додашуда буд, барои обёрӣ намудани даҳҳо ҳазор га заминҳои водии Данғара мусоидат намуд. Нақби дарозиаш 13,8 км ва қутри 6.6 м калонтарин иншооти гидротехникӣ ба шумор меравад.

Дараҷаи баланди касбӣ ба ӯ имкон додааст, ки дар кори таҳқиқотии худ аз худ усулҳои муосири ҳалли масъалаҳои мураккаб истифода барад.

Дар раванди таҳқиқоти илмӣ Зувайдов М.М. қобилияти мустақилона анҷом додани корҳои тҳқиқотӣ, назарявӣ ва гузаронидани

корҳои таҷрибавии васеъро дар соҳаи интихобкардаи таҳқиқоти илмӣ нишон додааст.

Кори диссертатсионии Зувайдов М.М. як қатор натиҷаҳои нави ҷолиброе дар бар мегирад, ки эътимоднокии илмии онҳо бешубҳа баланд арзёби мегарданд.

Натиҷаҳои кори илмии Зувайдов М.М. дар маҷаллаҳои илмии "Политехнический вестник", "Паёми Донишгоҳи миллӣ", "Паёми Донишгоҳи Бохтар" ва дигар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шуда, дар конфронсҳои илмию амалии донишгоҳӣ ва байналмилалӣ маъруза гардидаанд.

Ман чунин мешуморам, ки диссертатсия дар мавзуи «Ҳолати техникӣ – коршоямӣ ва зилзилатобоварии нақби гидротехникии Данғара», ба талаботи муқаррароти Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, Зувайдов М.М. сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз руи ихтисоси 05.23.00 –Сохтмон ва меъморӣ (05.23.07 – Сохтмони гидротехникӣ) мебошад

Роҳбари илмӣ:
Доктори илмҳои техникӣ,
и.в. профессор, мудири кафедраи "Асосҳо, таҳкурсиҳо
ва иншоотҳои зеризаминӣ"-и Донишгоҳи техникии
Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ Ҳасанзода Н.М.

Имзои Ҳасанзода Н.М-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ Қодирзода Н.Ҳ

"05" 01 2024 с.